*Латвия*

# БАРОИ ЧӢ МАЪЛУМОТИ ШАХСИИ МАН БА *EURODAC* ФИРИСТОДА МЕШАВАД?

Намуди А

## ДАРХОСТКУНАНДАГОНИ ҲИМОЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



TAJIK

## ЧАРО МАН ИН БРОШЮРАРО ГИРИФТАМ?

Шумо дар ин кишвар барои ҳимояи байналмилалӣ, ки ҳамчун паноҳандагӣ низ маъруф аст, дархост пешниҳод кардед.

Ин брошюра маълумоти муфассалро дар бораи маълумоте, ки мақомот захира мекунанд ва мӯҳлатҳои нигоҳдории онҳо пешниҳод менамояд.

## БАРОИ ЧӢ МАН БОЯД ИЗИ АНГУШТОН ВА АКСИ ХУДРО ПЕШНИҲОД КУНАМ?

Мақомоти ин кишвар изи ангуштони шуморо гирифта, шуморо акс мегиранд. Ин маълумот ҳамроҳ бо иттилоот дар бораи шахсияти шумо ва дигар тафсилоти марбута ба махзани маълумоти Eurodac фиристода мешавад.

Eurodac категорияҳои муайяни шахсонеро, ки шаҳрвандони кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+) нестанд, бо изи ангуштон ва акси беназири онҳо алоқаманд мекунад.

Ин махзани маълумот аз ҷониби 31 кишвари Иттиҳоди Аврупо (EU+) истифода мешавад, ки метавонанд маълумоти шуморо барои ба даст овардани иттилоот дар бораи шумо коркард кунанд. Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+) дар охири ин брошюра номбар шудаанд.

# ТАНЗИМИ ИДОРАКУНИИ ПАНОҲАНДАГӢ ВА МУҲОҶИРАТ ЧИСТ?



Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+) оид ба як санади ягонаи қонунгузорӣ бо номи «Танзими идоракунии паноҳандагӣ ва муҳоҷират» мувофиқа кардаанд, ки он дар муайян кардани он ки кадом кишвар бояд дархости ҳимояи байналмилалиро баррасӣ кунад, кӯмак мерасонад. Ин қонунгузорӣ инчунин ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+) имкон медиҳад, ки дар сурати аз ҷониби як кишвар дар як вақт қабул шудани шумораи аз ҳад зиёди дархостҳо, ба якдигар кӯмак расонанд.

Ба шумо кафолат дода мешавад, ки яке аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+) дархости шуморо барои ҳимояи байналмилалӣ баррасӣ мекунад, аммо шумо наметавонед интихоб кунед, ки кадом кишвари Иттиҳоди Аврупо (EU+) масъул хоҳад буд. Кишвари масъул мувофиқи муқаррароти «Танзими идоракунии паноҳандагӣ ва муҳоҷират» муайян карда мешавад.

Агар шумо бе иҷозат ба кишвари дигари Иттиҳоди Аврупо (EU+) гузаред ва аз шумо дубора изи ангушт гирифта шавад, тамоми маълумоти дар Eurodac захирашудаи шумо барои мақомоти он кишвар намоён мегардад.

**Шумо айни замон дар Латвия ҳастед, ки яке аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+) мебошад. Кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+) инҳоянд:**

- 27 кишвари узви Иттиҳоди Аврупо (ИА): Австрия, Белгия, Булғористон, Ҷумҳурии Чех, Дания, Фаронса, Юнон, Хорватия, Эстония, Италия, Ирландия, Латвия, Литва, Люксембург, Кипр, Малта, Нидерландия, Лаҳистон, Португалия, Руминия, Словакия, Словения, Финландия, Испания, Маҷористон, Олмон, Шветсия ва

- 4 кишвари дигар: Исландия, Лихтенштейн, Норвегия ва Швейтсария.

# КАДОМ МАЪЛУМОТ ДАР МАХЗАНИ МАЪЛУМОТИ EURODAC ЗАХИРА КАРДА МЕШАВАД?



Маълумоти зерин ҳамеша захира карда мешавад:

- изи ангуштонатон;
- акси чеҳраатон;
- ҳамаи номҳо ва насабҳое, ки шумо ҳоло истифода мебаред ё дар гузашта истифода мебурдед;
- таърихи таваллудатон;
- ҷойи таваллудатон;
- шаҳрванди(ҳо)ятон;
- ҷинсатон;
- нусхаҳои ҳуҷҷатҳои шахсият ё сафари шумо, агар мавҷуд бошанд, аз ҷумла маълумот дар бораи эътиборнокии онҳо;
- ID-и корбарии корманде, ки изи ангуштони шуморо гирифтааст ва шуморо акс гирифтааст, инчунин таърихи ҷамъоварӣ ва интиқоли маълумоти шумо;
- кишваре, ки дар он шумо барои ҳимояи байналмилалӣ дархост пешниҳод кардаед;
- таърихе, ки дар он шумо дархости худро барои ҳимояи байналмилалӣ пешниҳод намудаед.

Агар зарурат пеш ояд, дар Eurodac инчунин маълумоти зерин захира карда мешавад:

- кишваре, ки барои баррасии дархости шумо масъул аст;
- агар шумо кӯчонида шуда бошед, кишвари Иттиҳоди Аврупо (EU+)-и қабулкунанда;
- ин ки оё дархости шумо рад карда шудааст ва шумо ҳуқуқи иқомат дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+)-ро доред ё не;
- ин ки оё дархости шумо дар доираи тартиби сарҳадӣ баррасӣ шуда ва рад гардидааст, ё дархости шумо бозхондшуда ҳисобида шудааст ё не;
- маълумот дар бораи раводидҳое, ки аз ҷониби яке аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+) ба шумо дода шудаанд;
- маълумот дар бораи ҳолатҳое, ки шумо ҳудуди кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+)-ро тарк кардаед;
- маълумот дар бораи он ки оё шумо пешниҳодро барои бозгашти ихтиёрӣ ба кишвари аслии худ қабул кардаед ё не.

Шумо ҳуқуқ доред, ки ба ҳама гуна маълумоти нодурусти дар Eurodac захирашуда дастрасӣ пайдо кунед ва онҳоро ислоҳ намоед, инчунин дар сурати ғайриқонунӣ коркард шудани маълумоти худ, нест кардани онро дархост кунед. Барои ин, бо назораткунандаи маълумот тамос гиред. Маълумоти тамос бо назораткунандаи маълумотро метавонед аз брошюраи **«Он чизе ки шумо бояд дар бораи *Eurodac* бидонед»** пайдо кунед.

## ТО КАЙ МАЪЛУМОТИ ШАХСИИ МАН ДАР EURODAC ЗАХИРА МЕШАВАД?



Маълумоти шумо барои 10 сол захира карда мешавад ва сипас ба таври худкор нест мегардад.

Агар шумо то анҷоми ин мӯҳлат шаҳрвандии яке аз кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+)-ро ба даст оред, маълумоти шумо нест карда мешавад. Агар маълумоти шумо нест карда шавад, ин ба мақоми шумо дар кишваре, ки шаҳрвандиро ба даст овардаед, таъсир нахоҳад расонд.

## ОЁ ДАР EURODAC ЯГОН МАЪЛУМОТ ДИГАР ҲАМ ЗАХИРА КАРДА МЕШАВАНД?

Натиҷаҳои санҷиши амниятии шумо захира карда мешаванд, агар мақомот чунин шуморанд, ки шумо:

- метавонед силоҳ дошта бошед;
- метавонед даст ба амалҳои зӯроварӣ занед;
- дар ҷиноятҳои террористӣ даст доштаед;
- ҷинояти вазнине содир кардаед, ки барои он метавонед дар кишвари дигари Иттиҳоди Аврупо (EU+) дастгир шавед.

Дар чунин ҳолатҳо, шумо ҳамчун таҳдиди эҳтимолӣ ба амнияти дохилӣ ҳисобида мешавед. Ин маълумот дар Eurodac ҳамроҳ бо сабаб ё сабабҳои марбутаи дар боло зикршуда захира карда мешавад.

Агар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (EU+) дигар шуморо таҳдид ба амнияти дохилӣ наҳисобанд, ин маълумот нест карда мешавад.

Шумо ҳуқуқ доред, ки ба ҳама гуна маълумоти нодурусти дар Eurodac захирашуда дастрасӣ пайдо кунед ва онҳоро ислоҳ намоед, инчунин дар сурати ғайриқонунӣ коркард шудани маълумоти худ, нест кардани онро дархост кунед. Барои ин, бо назораткунандаи маълумот тамос гиред. Маълумоти тамос бо назораткунандаи маълумотро метавонед аз брошюраи **«Он чизе ки шумо бояд дар бораи *Eurodac*** бидонед» пайдо кунед.

# ЁДДОШТҲОИ МАН

# ЁДДОШТҲОИ МАН

Ин танҳо барои мақсадҳои иттилоотӣ пешбинӣ шудааст. Он худ аз худ ягон ҳуқуқ ё уҳдадорӣ ба вуҷуд намеорад. На EUAA ва на ягон шахси дигаре, ки аз номи EUAA амал мекунад, барои истифодаи эҳтимолии маълумоти дар ин нашрия мавҷудбуда масъул нест.

© Агентии Иттиҳоди Аврупо оид ба паноҳандагӣ, 2025